«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода д.и.ф., профессор
Гулназарзода Ҷ. Б. _____
01 _____ соли 2025

ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ифтихори Амонқул унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) ба шумор мерафт.

Ифтихори Амонқул дар соли 2013 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик дараҷаи бакалавр хатм кардааст. Ҳамчунин, соли 2018 зинаи магистратураи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон)-ро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик (омӯзгор-таҳқиқотчӣ) хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) таҳти унвони «Лирикаи Мастон Шералӣ» аз 25.04.2019, қарори №9/4-2 тасдиқ шуда буд, бо машварати мутахассисони соҳа дар ҷасалаи шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 30.05.2025, қарори №11/5-4 мавзуи таҳқиқотӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» тағйири ном намуд.

Роҳбари илмии диссертант доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Салими Хатлонӣ мебошад.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар таърихи 22.10.2025, таҳти №04/249 ба унвонҷӯ маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 31.10.2025, №3 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Номи мавзуъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат мекунад.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи амалишавии нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои солҳои 2020-2025, ки ба пажуҳиш ва нашри осори адибони адабиёти классикӣ ва муосир равона гардидааст, анҷом ёфтааст.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мувофиқат мекунад. Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо, конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии ҳайати профессорон ва омӯзгорони кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва дигар муассисаҳои олӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Масъалаҳои дар рисола баррасишуда дар якчанд самт қобили татбиқанд: Хулоса ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро ҳангоми таълифи китобу дастурҳои назарии адабиётшиносии тоҷик мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Дар ҷараёни таълими фанҳои «Таърихи адабиёт», «Назарияи адабиёт» ва илмҳои махсуси адабиёти муосир дар макотиби олӣ, ки ҷузъи муҳимми

барномаи таҳсилоти филологӣ маҳсуб мешаванд, таҳқиқоти мазкур роҳнамои хуб буда метавонад. Дар таҳияи курсҳои махсус (лексияҳо), мавзуъҳои «Василаҳои рушди адабиёти муосири тоҷик», «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» аз натиҷаҳои илмии бадастовардаи таҳқиқоти мавриди назар метавон истифода намуд. Дар раванди дарсҳои амалӣ ва семинарӣ вобаста ба ташаккули мақсадноки ҷаҳонбинии миллӣ-худогоҳӣ дар осори адибони нимаи дуюми асри XX, бахусус, дар эҷодиёти Мастон Шералӣ аз натиҷаҳои диссертатсия метавон ба таври васеъ истифода кард.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро паҳлуҳои дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводди зарурӣ роҷеъ ба ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани аҳаммияти илмию бадеии он дар адабиёт мушаххас мешавад.

Диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, 14 фасл, 5 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,7 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Амонқул, И. Мастон Шералӣ ва фаъолияти адабии ӯ [Матн] / И. Амонқул // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафа. – Душанбе, 2020. – №1 (37). – С.68-73.

[2-М]. Амонқул, И. Ҷойгоҳи ватан дар ашъори Мастон Шералӣ [Матн] / И. Амонқул // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №2 (42). – С.151-155.

[3-М]. Амонқул, И. Сабки нигориши лирикаи Мастон Шералӣ [Матн] / И. Амонқул // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2023. – №4 (52). – С.172-177.

[4-М]. Амонқул, И. Баъзе вижагиҳои мавзуи Ватан ва модар дар ашъори Мастон Шералӣ [Матн] / И. Амонқул // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2025. – №3 (116) – С.225-230.

[5-М]. Хатлонӣ, С., Амонқул, И. Ҷанбаҳои мавзуии ашъори Мастон Шералӣ [Матн] / С. Хатлонӣ, И. Амонқул // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2025. – №2 (58). – С.267-273.

[6-М]. Амонқул, И. Ҳунар ва услуби эҷодии Мастон Шералӣ [Матн] / И. Амонқул // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – №1/3 (137). – С.95-101.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[7-М]. Амонқул, И. Бадеияти лирикаи Мастон Шералӣ [Матн] / И. Амонқул// Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Филологияи Шарқ: Пажуҳиши забоншиносӣ, робитаи адабӣ ва тарҷумашиносӣ». – Душанбе, 2023 – С. 334-337.

[8-М]. Амонқул, И. Лирикаи Мастон Шералӣ [Матн] / И. Амонқул // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои марбут ба забон дар осори безаволи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон». Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – С.297-306.

[9-М]. Амонқул, И. Тасвиргарой дар ашъори Мастон Шералӣ [Матн] / И. Амонқул // Международный научный журнал / Вестник наук. – №5 (86) г.Тальятти, 2025. – С.1297-1302.

[10-М]. Амонқул, И. Ҷойгоҳи авзони баҳри ҳазаҷ дар эҷодиёти Мастон Шералӣ [Матн] / И. Амонқул // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмю амалӣ таҳти унвони «Боқӣ Раҳимзода ва муҳити адабии садаи XX». – Душанбе, 2025. – С.215-219.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 31.10.2025, №3 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёт – Шамсов Нурмад Сироҷович

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёт – Боев Шавкат Элмуродович

Имзоҳои Н.С. Шамсов ва Ш. Э. Боевро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода – Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 734019, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 372325003
Сомона: www.dbz.tj